# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович дар мавзӯи "Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон" (дар мисоли нашрияҳои "Шаҳриёр" ва "Набзи Файзобод"), ки аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ пешниҳод шудааст

Публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон, махсусан, хусусиятҳои мундариҷавию жанрии он, ки рисолаи Қутбидинов Абдулмумин Ҳошимович дар ҳамин мавзуъ таълиф шудааст, аз муҳимтарин жанрҳои нигоришотии матбуоти ҷаҳони имрӯза маҳсуб мешавад. Месазад зикр кард, ки матбуоти маҳаллӣ аз рӯзҳои нахустини пайдоишаш сар карда, баъдан дар замони шӯравӣ ва даврони истиқлолияти миллӣ аз истифодаи публитсистика рӯ нагардонидааст ва махз ҳамин жанр аз воситаи асосӣ ва муҳими баррасиву баёни афкор ба ҳисоб мерафт. Татбиқи сиёсати ҳамарӯзаи идеологиву сиёсӣ, шинохти миллӣ, тавсиъаи фарҳанги волои миллӣ, пешбурди рӯзгори беолоиш аз гаравишҳо ва ҳаракатҳои иғвогарона аз муҳимтарин ҷабаҳахои жанри публитсистика мебошанд, ки аҳамияти рисолаи А.Ҳ.Қутбиддиноврo афзун мегардонанд.

Аз фишурдаи рисола бармеояд, ки диссертант аз маводи фаровон истифода кардааст: ковишҳо ва таҳқиқҳои ба мавзуъ алоқамандро аз лиҳози хронолоҷӣ бамаврид омӯхтааст; нақди адабиро ҷиҳати масъалаҳои мавҷудаи жанри публитсистика ба назар гирифтааст; мавзуи публитсистикаи китобӣ, паҳлӯҳои публитсистиву таърихии матбуот ва жанриву мундариҷавии публитсистикаи матбуотӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Таҳқиқ дар сатҳи баланди методологӣ сурат гирифтаанд.

Дар фишурдаи рисола оварда шудааст, ки кор аз муқаддима, чор боб, ёздаҳ фасл, хулоса ва феҳристи адабиёту сарчашмаҳо иборат аст. Чунин банақшагирӣ аз ҷониби муаллиф ба ӯ имкон додааст, ки мубрамияти мавзӯи пажӯҳиш, дараҷаи омӯзиш, ҳадаф ва вазифаҳои бамиёнгузоштaшуда, масъалаҳои таърихy муҳити иттилоотӣ, омилҳои бунёдивю рӯҳияи замонӣ, моҳияти иидеологиву фарҳангӣ, хосияти публитсистиву сохтори жанрӣ, рисолати созандагиву нақши роҳнамоӣ ва таърихноманависии нашрияҳои "Шаҳриёр" ва "Набзи Файзобод"-ро хеле амиқу муназзам мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Навгонии илмии пажӯҳиш пеш аз ҳама дар он аст, ки муҳаққиқ тавонистааст дар рисола бо диди хоса ва илман асоснок раванди

мунтазам ва муназзам ташаккулёбандаи публитсистикаи бадеии нашрияҳои "Шаҳриёр" ва "Набзи Файзобод"-ро дар иртибот бо ҳам, бо назардошти ҳамсониву ҳамоҳангӣ ва тафриқаву бурду бохташон ифшо намояд. Самти таҳқиқ ба пуррагӣ дуруст роҳандозӣ шудааст ва тавре рисола шаҳодат медиҳад, пурмаҳсул ва самаровар мебошад. Чунин корбарӣ далели ҷаҳонбинии васеъ ва омӯзиши чуқури муҳаққиқ дар публитсистикаи бадеӣ ба шумор меравад.

Сохтори рисолаи А. Ҳ. Қутбиддинов бо низоми хоса ва тақсимбандии пухтаву комил пешкаш гардидааст. Хулосаҳои асоснок ва воқеӣ далели интихоби дурусти коргузорӣ ва усули мувофиқи таҳқиқ мебошанд.

Танҳо ба сурати пешниҳод ба хотири беҳбуди таҳқиқ ба муаллиф метавон гуфт, ки бо овардани чанд мисолу далели бунёдӣ аз рӯзномаҳои ҳамзамони нашрияҳои "Шаҳриёр" ва "Набзи Файзобод" ҷараёни умумии нигоришоти касбии публитсистони гуногунминтақа қиёс карда мешуд, кор боз ҳам ҳусни зеботареро ба худ мегирифт.

Дар маҷмуъ, дисертатсияи А. Ҳ. Қутбиддинов дар мавзӯи "Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон" (дар мисоли нашрияҳои "Шаҳриёр" ва "Набзи Файзобод") кори илмии ба анҷомрасидаи дорои аҳамияти назарӣ ва амалие мебошад, ки дар сатҳи хуби илмию таҳқиқотӣ таълиф гардида, ба талаботи рисолаҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯст ва сазовори он аст, ки барои дифоъ аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ пешниҳод карда шавад.

Доктори илмҳои филологӣ Холов Ҷовид

Имзои Холов Ҷовидро тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадрҳои
Коллеҷи педагогии шаҳри Панҷакент ---------------- Муҳиддинова Н.

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш.Панҷакент, кӯчаи С.Шерозӣ, 84

Емайл: javeed@bk.ru

Тел: 992-90-097-88-08